**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.00-Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) пешниҳод карда шудааст.**

**«15» 03 2024 с.** **ш. Душанбе**

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Кошонова М.Р. – раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷонмамадов Ш.Б. – аъзои комиссия аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02-Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт); доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷӯрабоев Ғ.Ҷ. – аъзои комиссия, 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.13 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) мутахассиси даъватшуда аз Донишгоҳи байналмилаии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, мутобиқи банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаб дараҷаи илмӣ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ хулосаи зеринро қабул намуд:

**1.Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ**

Довталаби дараҷаи илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267), мувофиқат мекунад.

Раҳмонзода Зоир Файзалӣ, 08-уми январи соли 1981 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Раҳмонзода Зоир Файзалӣ соли 2003 шуъбаи рӯзонаи факултети соҳибкорӣ ва менеҷменти Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизматро (ҳозира Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон) аз рӯи ихтисоси «Системаҳои ахборотӣ дар иқтисодиёт» хатм намудааст.

Диссертатсияи номзадиашро соли 2011 дар мавзуи «Ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Социально-экономические аспекты внедрения информационных технологий в сфере высшего профессионального образования Республики Таджикистан) таҳти роҳбарии д.и.ф.м., профессор

Комилиён Ф.С. ҳимоя намуда, сазовори дараҷаи илмии номзади иқтисодӣ гардидааст.

Аз соли 2011 то ин ҷониб дар баробари иҷрои корҳои гуногуни роҳбарӣ, давлатӣ ва ҷамъиятӣ фаъолияти илмию педагогиро қатъ накарда, дар доираи мавзуи нави ба идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ бахшидашуда пажуҳишу таҳқиқотро идома додааст. Бо қарори Шӯрои олимони ДДМИТ аз 17.02.2017, №3 мавзуи диссертатсияи доктории ӯ «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ (назария, методология ва амалия)» ба расмиёт дароварда шудааст, ва бо қарори шурои олимони факултети технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт №7/1/1 аз 29.03.2023 номи мавзуро ба "Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)" иваз карда шуда, ҳамзамон д.и.и., дотсент Шаропов Ф.Р. ба ҳайси мушовири илмӣ таъин карда шуд.

Номбурда соли 2020 инҷониб ҳамчун Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодаст.

Мушовирони илмӣ: Комилиён Ф.С. – д.и.ф-м., профессори информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт). Шаропов Ф.Р. – д.и.и., дотсент, муовини ректор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои им, маориф ва иҷтимоиёт).

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо дар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 61 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 19 мақола (7-адад дар алоҳидагӣ) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 монография ва дигар нашрияҳо чоп шудаанд.

**2. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ**

Диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.00-Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисосҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои

диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳад гузошт.

**3. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд.**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаи диссертатсия дар 61 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 19 мақола (7-адад дар алоҳидагӣ) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 монография нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35 - уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

**4. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳои носаҳеҳ**

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

**5. Комиссия пешниҳод менамояд:**

1.Диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.00-Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мувофиқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.03.2024 №09/хя оид ба шуро ҳуқуқи ташкил ва гузаронидани ҳимояи якдафъаина ба ҳимоя қабул карда шавад.

2.Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шавад:

- Қодиров Абдураҳмон Лакимович - доктори илмҳои иқтисодӣ, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров;

- Мирсаидов Аврор Бобоевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- Муқаддасзода Фирдавс Муқаддас – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3.Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон таъин карда шавад.

4.Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6.Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
муовини раиси шурои диссертатсионӣ Кошонова М.Р.

**Аъзоёни комиссия:**

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Ҷонмамадов Ш.Б.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
эксперти даъватшуда Ҷӯрабоев Ғ.Ҷ.